# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БАРНОМАИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ
БАРОИ СИНФИ 7-УМ

**ДУШАНБЕ – 2017**

МЕТОДИКАИ ФАННИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ
БАРОИ СИНФИ 7 - УМ

барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ТАВСИЯ КАРДААСТ**

Душанбе

“Маориф”
2017

ББК

Бойназаров Бойназар, Боронов Бозор. **Барномаи фанни санъати тасвирӣ барои синфи 7-ум барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017, ... саҳ.**

**ИСВН**

**0 «Маориф», 2017**

## Мундариҷа

Тавзеҳот ………………………………………………………………………..
Тавсияҳо доир ба методикаи таълим …………………………………………
Тавсифи умумии фанни «Санъати тасвирӣ » дар синфи VII……………..……..
Мазмуни барномаи санъати тасвирӣ барои синфи VII …………………..……..
Талаботи асосӣ ба дониш ва салоҳиятнокии хонандагон ……………..…
Робитаи байни фанҳо .........................................................................................
Меъёрҳои арзёбии дониши хонандагон аз фанни «Санъати тасвирӣ»
дар синфи VII ……………………………....................
................................................
Нақшаи намунавии тақвимӣ аз фанни «Санъати тасвирӣ»
дар синфи VII ……..…
Адабиёт барои омӯзгорон ……………………..…………………….………

**Барномаи санъати тасвирӣ барои синфи** VII
(34соат, ҳафтае 1 соат)

## Тавзеҳот

Аҳамияти омӯзиши санъати тасвирӣ вобаста ба ҳаёти ҷамъияти муосир, бо таъсироти ҳалкунандаи он ба суъати тараққиёти илмию техникӣ мавқеи санъати тасвириро мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ муайян менамояд.

Ба вазифаҳои таълими санъати тасвирӣ дохил мешаванд:

- ташаккул додани донишҳои илмӣ оид ба далелҳои таҷрибавӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо, методҳои илмӣ санъати тасвирӣ, манзараи муосири илмии олам;
- инкишофи тафаккури санъати тасвирии хонандагон, дар онҳо ташаккул додани маҳорату малакаҳои мустақилона ба даст овардан ва эҷод кардани дониш, мушоҳида ва шарҳ додани тасвир аз асл, манзараи табиат, тасаввурот, хаёлот, қонунҳои муҳимтарини конструктивӣ, перспективӣ, тобиш ва силсилаҳои рангҳо дар тасвир;
- ташаккул додани маҳорати мустақилона аз худ намудан ва татбиқ кардани дониш, мушоҳида ва шарҳ додани тасвир дар эҷодкорӣ, инчунин маҳорати истифода бурдани китоби дарсӣ, адабиёти хрестоматию иттилоотӣ;
- ташаккул додани баъзе маҳоратҳои таҷрибавӣ: маҳорати истифода бурдани асбобу олат, ҷамъбасти натиҷаҳо ва хулосабарорӣ дар асоси маълумоти таҷрибавӣ, риоя кардани қоидаҳои тарзи тасвир;
- ташаккули шавқу ҳаваси хонандагон ба санъати тасвирӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, дарк кардани мақсадҳои илмӣ; тайёр намудан ба давом додани таҳсилот ва бошуурона интихоб намудани касб;
- тарбияи зебопарастӣ, ватандӯстӣ, башардӯстӣ, худшиносӣ ва масъулиятшиносии хонандагон дар асоси фаҳмонидани накши санъати тасвирӣ дар тезонидани прогресси илмию техникӣ, баён намудани комёбиҳои илми санъатшиноси ва пешомадҳои тараққиёти онҳо, саҳми мутахассисони касбӣ дар инкишофи санъати тасвирӣ:

Дар ҳар фасл санъати тасвирии мактабӣ маводи асосӣ дохил шудааст, ки ба он омӯзгор диққати хонандагонро бояд ҷалб намояд ва хотири онҳоро бо далелҳои ҷузъӣ банд накарда, ба амиқ ва устувор аз худ намудани ин мавод аз тарафи хонандагон ноил гардад. Барои тамоми мазмунҳо чунин мақсади асосӣ: тасвир аз рӯйи асл, тасвир дар мазмунҳои гуногун, корҳои ороишӣ - наққошӣ, суҳбат аз намудҳо ва жанрҳои санъатшиносӣ; қонунҳои доимӣ мебошанд. Ба маводи асосӣ, инчунин хулосаҳои муҳимтарини қонунҳо ва назарияҳо, татбиқи амалии онҳо тааллуқ доранд;

Дар барнома мувофиқи мавзӯъҳои санъати тасвирӣ дар синфи VII доираи масъалаҳои асосии тавсифоти амалидоштае муайян шудааст, ки донистани онҳоро аз хонандагон бояд талаб кард. Ба монанди: тарзҳои тасвир, фарқияти шакл ва мафхумҳо, қонунҳое, ки хонандагон барои шарҳи равандҳои композитсия дар эҷодкорӣ ва ғайра бояд татбиқ карда тавонанд;

- асбоб ва маводҳое, ки хонандагон бояд истифода ва қиматҳояшонро низ онҳо бояд ба тарзи таҷрибавӣ муайян карда тавонанд.

## Тавсияҳо доир ба методикаи таълим

Дар ҷараёни таълим ба хонандагон ёд додани татбиқи асосҳои илм барои мустақилона шарҳ додани эҷодкорӣ дар тасвир, натиҷаҳои таҷриба ва амали маводҳо муҳим аст. Дар ҳар як мавзӯъҳои синфи VII ҷудо кардани маводи асосӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ӯ диққати хонандагонро ба ин мавод ҷалб кунад ва хонандагон онҳоро бояд амиқу устувор аз худ намоянд. Таҷрибаҳои асоси бо маводи омӯзиши санъати тасвирӣ ва дар маҷмӯъ методи таълим мебошад.

Ҳалли масъалаҳои асосии таълиму тарбия дар дарс пайваста бо шакл ва методҳои гуногуни таълим дастрас мегардад. Ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон аҳамияти калон дода мешавад: мустақилона,такрор ва мустаҳкам намудани маводи асосии назариявӣ, иҷро кардани корҳои амалии хонандагон ва корҳои мустақилона шинос шудан ба баъзе татбиқҳои амалии тарзҳои композитсия баъди омӯхтани маводи назариявӣ, татбиқи донишҳо дар ҷараёни эҷодкорӣ масаъала умумӣ намудан ва тасниф кардани донишҳо. Дар дарс ба кори хонандагон ба китоб: китоби дарсӣ, адабиёти маълумдоштагӣ, аз ҷумла китоби рангшиносӣ, рангнигорӣ ва ғайра аҳамияти калон додан лозим аст. Ҳангоми кор бо китоби дарсӣ маҳорати аз матн ҷудо кардани маводи асосӣ, робитаи мантиқии дохилии маводро дарк кардан ва фаҳмидан, шарҳи ҳодисаҳои омӯхташаванда ва равандҳоро ташаккул додан зарур аст.

Ҳалли масъалаҳои санъати тасвирӣ, алалхусус масъалаҳои таълимӣ бояд мутаносибан пайваста бо методҳои дигари таълим сурат гирад. Дар зинаи дуюми омӯзиши санъат масъалаҳое, ки дар ҳаллашон якчанд қонуниятҳо истифода мешаванд, аҳамияти калон пайдо мекунанд; масъала чун қойида дар намуди умумӣ ҳал карда мешавад.

Маводи асосиро хонандагон бояд дар дарс аз худ намоянд, ки ин бояд аз омӯзгор доимо ҷустуҷӯи методикаи гуногуни ташкили дарсрро талаб менамояд: ба тариқи суҳбат ё лексия баён кардани мавзӯъ

(дар синфҳои болоӣ), пешбарӣ кардани проблемаҳои таълимӣ; васеъ истифода бурдани озмоишии мактабӣ (таҷрибаҳои намоишӣ, корҳои амалӣ, аз он ҷумла корҳои эҷодкори), супоришҳои хонагӣ, корҳои мустақилонаи хонандагон. Аз ин рӯ методҳои такрор ва назорати дониши хонандагонро такмил додан лозим аст, то ки вақти асосии дарс ба фаҳмонидан ва мустаҳкам кардани маводи нав бахшида шавад. Ҳамаи ин ба ҳалли масъалаи муҳимтарин – баланд бардоштани самараи дарси амалӣ мусоидат менамояд.

Ба мустақилона гузаронидани намоиши эҷодии мактабӣ ва хонагии хонандагон аҳамияти махсус дода мешавад. Иҷрои корҳои амалӣ, инчунин намоишҳои дар барнома нишон додашуда ҳатмист. Вобаста ба шароити ҳар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзгор метавонад корҳо ва намоишҳои алоҳидаро бо баробарарзишаш иваз намояд. Омӯзгор метавонад адади корҳои амалиро аз ҳисоби дохил кардани супоришҳои таҷрибавии иловагии кӯтоҳмуддат зиёд намояд. Озмоиши санъати тасвирии мактабиро ташкил карда, омӯзгор бояд аз хонандагон риояи ҳатмии қоидаҳои, натиҷабахшро талаб намояд.

Ҳангоми тайёр кардани хонандагон ба гузаронидани корҳои амалӣ малакаи тарзҳои перспективӣ дар тасвиррро дар хонандагон инкишоф бояд дод.

Корҳои берунисинфӣ - қисми таркибӣ ва яке аз ҷузъиёти асосии фаъолияти таълимию тарбиявии мактаб ба ҳисоб меравад. Мақсади он - инкишофи ҳаматарафаи қобилияти худфаъолиятӣ ва эҷодии хонандагон дар соҳаҳои илм, ҳунар ва фарҳанг мебошад. Машғулиятҳои берун аз синфӣ имкон медиҳанд, ки донишҳои назариявию амалии мактаббачагон аз санъати тасвирӣ васеъ, устувор ва амиқ гардида, ба омӯзиши санъати тасвирӣ шавқу ҳаваси онҳо бедор карда, инкишоф дода шаванд. Дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ хонандагон бо дастовардҳои илм ва ҳунар шинос шуда, дар онҳо ташаббускорӣ, мустақилият, ҳисси кори дастҷамъона, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ хислатҳои муҳим тарбия карда мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзгорро лозим аст, ки дар ҷараёни таълим навъҳои гуногуни корҳои берун аз синфиро ташкил намояд.

**Вазифаи хонагӣ**, одатан барои мустаҳкам намудани мавзӯи омӯхташуда, такмили маҳорат ва малакаҳои амалӣ хизмат мекунад. Барои он ки вазифаи хонагӣ ба хонандагон гарон наояд, миқдори онро тайин кардан, ба он нишондоду эзоҳоти васеъ ва равшан (чиро дар хотир нигоҳ доштан, ба кадом саволҳо ҷавоб гардонидан, пурмазмунии композитсия, да дурахшонӣ дар тасвир ва ғайра.) илова намудан лозим аст. Баъзан аз

ҷиҳати мазмун мураккабии вазифаи хонагиро вобаста ба қобилияти эҷодкорӣ ва тавоноиии хонандагон фарқ кардан аз аҳамият холӣ нест.

Дар охири барнома талаботи асосӣ ба дониш ва салоҳиятнокии хонандагон маълумот диҳанд, ки ин талабот ба стандарти давлатии таҳсилот мувофиқат мекунанд.

**Тавсифи умумии фанни таълими Санъати тасвирӣ барои синфи VII**

Мувофиқи барномаи Вазорати маориф ва илми Ҷ у м ҳ у р и и Тоҷ и к и с т о н омӯ з и ш и фанни Санъати тасвирӣ аз синфи 1 -7 оғоз меёбад. Мувофиқи ин барнома дар синфи VII мавзӯъҳои зеринро пешниҳод шудаанд тасвир аз асл, тасвир аз рӯ и мавзӯъҳо, корҳои ороишӣ- наққошӣ, гилкорӣ ва дизайн, суҳбат аз санъатшиносӣ омӯхта мешаванд. Бо ҳамин далел дар қонуну қоидаҳои асосии методика ва тарзҳои тасвир, ки барои мақсаднок азхудкунии санъати тасвирӣ заруранд, омӯхта мешаванд.

**Мазмуни барномаи санъати тасвирӣ барои синфи VII**

Мазмуни таҳсилот аз фанни санъати тасвирӣ аз инҳо иборат мебошад: Доир ба асосҳои давраҳои омӯ з и ш и санъати тасвирӣ дар барномаи таълимӣ, пеш аз ҳама, мақсад ва вазифаҳои фанни мазкур шарҳ дода шавад. Дар барномаи таълимӣ инчунин баъзе тавсияҳои методи ба омӯзгор додамешавад ва барои гузаронидани корҳои амалӣ, мақсад ва натиҷ а ҳ о и суҳбат аз санъатшиносӣ ва мундариҷ а и асарҳои рассомон шарҳдода мешаванд.

Барномаи таълимӣ ҳамчун раҳнамо барои таҳияи китоби дарсӣ, таҳияи нақшаи таълим, аз ҷ о н и б и Вазорати Маорифи Ҷ у м ҳ у р и и Тоҷ и к и с т о н тасдиқ гардида, дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯ й и он кор бурда мешавад.

**Талаботи асосӣ ба дониш ва салоҳиятнокии хонандагон**

Барои омӯ з и ш и фанни санъати тасвирӣ талаботи зерин барои маводҳои таълими зарур мебошанд.

**А)** Китоби дарсӣ. Барои китоби дарсӣ аз санъати тасвирӣ барои чоп тавсия дода мешавад. Мувофиқи соатҳое, ки дар барномаи таълимӣ ва дар нақшаи таълимӣ нишон дода шудааст, муаллифи китоби дарсӣ аз меъёри умумии муқарраргардидаи мавзӯӣ оид ба соатҳои додашуда тақсим шуда, берун баромадан ҳуқук надорад.

**Б)** Раҳномои омӯ з г о р аз фанни санъати тасвирӣ. Раҳнамои омӯ з г о р монанди китоби дарсӣ арзиши калон дошта, барои омӯ з г о ри ин фан навишта мешавад. Раҳнамои омӯ з г о р ҳамчун дастури методӣ ба шумор рафта, доир ба ҳар як соат ва ҳар як мавзӯъ маълумоти методӣ ва таълимиро ба омӯ з г о р пешниҳод менамояд. Раҳнамои омӯ з г о р тақсими дарсҳоро ба эътибор гирифта, ба эҷ о д и ё т и ҳар як эҷ о д кор мазмуну мундариҷ а и асари китоби дарсӣ ва дастури методии тавсиявӣ пешниҳод карда, ба омӯ з г о р дар интихоби усулҳои таълим ёрӣ мерасонад ва дигар усулҳои аслии

ҷараёни дарсро аз фанни санъати тасвирӣ шарх медиҳад. Муаллифе, ки дар оянда ин раҳнаморо менависад, бояд меъёри мазкурро ба назар гирад ва синфро вобаста ба микдори соатҳое, ки барои омӯзиши кори амалӣ ҷудо шудаанд, тақсимбандӣ намояд.

## ТАЛАБОТ БА ТАЪМИНИ МАВОДИ МЕТОДӢ ВА ИТТИЛОТӢ

Барои фаъолият намудани омӯзгори фанни санъати тасвирӣ вай бояд аз асар методии рассомон, барнома ва китоби дарсӣ ва технологияи иттилоотӣ истифода намояд то сатҳи дониш ва малакаҳои худро кавитар гардонад. Тавсия мешавад, ки омӯзгори фанни санъати тасвирӣ, ки дар бораи натиҷабахшии дарс, маводи дарсӣ ба нашр мерасад, истифода барад.

Аз барнома ва дигар воситаҳои муосир, расмҳои тасвиршуда, (илюстратсия), омӯзгор бояд ҳангоми дарси санъати тасврӣ тарзи аз онҳо фаровон истифода бурданро аз худ кунад.

## САЛОҲИЯТИ ФАННИ "САНЪАТИ ТАСВИРӢ"

Фанни санъати тасвирӣ дар синфи VII салоҳиятҳои худро дорад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- дуруст пешниҳод кардани мазмуни дарс ва тарзҳои тасвири он;
- дуруст муайян кардани эҷодкории хонандагонро дар корҳои амалӣ;
- такмили маҳорат ва истеъдоди эҷодкорӣ дар фаъолияти минбаъдаи хонанда;
- дуруст сарфаҳм рафтан ба ҷойгиршавии маводи тасвиршаванда аз рӯйи нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, баён ва дигар маводи таълимию методӣ;
- номи мавзӯъро дар дарсҳо аз худ намоянд ва онро шарҳ дода тавонанд;
- дар бораи мавзӯъ тасаввурот дошта бошанд;
- вазифаи хонагиро пурра иҷро карда тавонанд.

## ХУСУСИЯТҲОИ ОМӮЗИШИ ФАННИ "САНЪАТИ ТАСВИРӢ"

Омӯзиши "Санъати тасвирӣ" дар синфи VII дорои махсусиятҳои хосе мебошад, ки дар натиҷаи омӯзиши он бояд хонанда ҳамчун шахсияти дорои дониш, ҳиссиёт, ақл, қобилият, маҳорат фарқ дар онҳоро фарқ карда тавонад.

## МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН

Меъёрҳои арзёбии маҳорат ва қобилияти хонандагон аз фанни "Санъати тасвирӣ" бо тарзҳои зерин муайян карда мешавад:

- гирифтани имтиҳон аз кори амалӣ;
- бо намудҳои санъати тасвирӣ сухбат гузарондан бо хонандагон;
- дуруст баён намудани фарқияти тобиши рангҳо дар асарҳои рассомон;
- дар расм муайян намудани самти рӯшноӣ ва торикӣ аз маводи тасвиршаванда.

## БАҲОДИҲӢ БА ДОНИШ, МАЛАКА ВА МАҲОРАТИ ХОНАНДАГОН АЗ "САНЪАТИ ТАСВИРӢ"

Муайян намудани меъёри баҳодиҳӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон яке аз шаклҳои асосии баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад.

Санҷиши ба ҳисобгирии дониш ва маҳорати хонандагон аз рӯйи фанни таълимӣ муайян мегардад ва бояд омӯзгор ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон мутобиқи барномаи таълимӣ, дар асоси талаботи ягона баҳогузорӣ намояд. Тарзи пешниҳоди савол ва муайян намудани дониш, малака ва маҳорати хонандагонро дар инкишофи қобилияти эҷодкории онҳо хеле муҳим мебошад.

1. Ҳангоми арзёбӣ ба корҳои амалии хонандагон аз фанни санъати тасвирӣ чунин меъёрҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

- пурмаъно ҷойгир намудани шакли аслӣ;
- муайян намудани самти торикӣ ва рӯшноӣ дар расм;
- фарқ намудани таносуби маводи тасвиршаванда;
- риоя намудани тарзҳои композитсия дар дурнамоӣ.

**Баҳои "5"**

<u>Баҳои "5"</u> дар ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда:

- кори амалиро пурра иҷро карда тавонад;
- тасвирро бо истеъдоди баланди эҷодкорӣ иҷро намояд;
- мулоҳиза ва андешаҳои тарзи қонуниятҳои тасвирро иҷро намояд;
- ба саволҳои иловагии муаллим аз намудҳои санъати тасвирӣ ба пуррагӣ ҷавоб дода тавонад;
- аз рӯи асарҳои рассомон сухбат карда тавонад.

**Баҳои "4"**

Баҳои "4" дар ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда:

- дар иҷрои корҳои амалӣ он талаботе, ки барои баҳои "5" лозим аст, ҷавоб дода тавонад, лекин якчанд норасоиҳои дар тасвири кори амалӣ ғалат содир намуда бошад;
- баъзе норасоиҳои содиркардаашро дар кори амалӣ бо ёри муаллим ислоҳ карда тавонад;
- дуруст баён намудани фарқияти намудҳои санъатро хубтар ҷавоб дода тавонад.

**Баҳои "3"**

Баҳои "3" дар ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар хонанда:

- тарзи дурусти ҷойгиршавӣ дар рӯи қоғаз ва қонуниятҳои фарқияти рӯшноӣ ва торикиро дар тасвир пурмаъно иҷро карда тавонад;
- аз рӯйи расмҳои тасвиршуда бурро нақл карда тавонад.

**Баҳои "2-1"**

Баҳои "2-1" дар ҳамон вақт гузошта мешавад, ки агар ҷавоби хонанда ҷовобаш ба талаботи баҳои "3" ҷавобгӯй набошад;

-дар рафти иҷрои кори амалӣ бисёр норасогиҳо дар тасвир назаррас мегардад;

-тасвири шакли аслӣ мувофиқи талабот иҷро нашудааст; моҳияти масъаларо кушода натавонад.

**Барномаи таълимии фанни " Санъати тасвири"**

Омузгор: Ҳангоми баёни мавзӯъ ба масаъалаҳои зерин бояд таваҷҷуҳ намояд ва ба таври фишурда дар як соат ба саъми хонандагон расонад.

Дарси санъати тасвирӣ ба омӯзиши атроф, омузиши маводи тасвиршаванда, мушоҳидаи манзараҳои алоҳида ва дар назар гирифтани таносуб: ҳамоҳангии ранг, шакл иртибот дорад.

Шавқу завқи бачаҳо нисбат ба кори эҷодкорӣ шарти муҳими самаранокии дарси санъати тасвирӣ мебошад. Бинобар ин ҳангоми гузаронидани дарс дар назар доштан лозим аст, ки фаолияти тасвир бояд манбаи эҳсосоти натиҷабахш бошад, ба бачаҳо шодию хурсандӣ бахшад.

Ҳар як дарс мақсади муайян дошта бошад ва бачаҳо бояд дониши муайяни эҷодкорию зебопарастиро ба даст оваранд. Барои иҷрои вазифаҳои таълимӣ тарбиявии барноамаи мазкур панҷ фасли омӯзиши эҷодкориро дар бар гирифтааast.

Тасвир аз рӯйи асл (10-соат)

Тасвир аз рӯйи мавзӯъ (8- соат)

Орииши наққошӣ (7-соат)
Гилкорӣ ва дизайн ( 5 соат )
Асосҳои санъатшиносӣ (4- соат)

**Тасвир аз рӯйи асл**

Ҳангоми кашидани расми маводҳо аз асл маълумот дар бораи қонунҳои тақсимшавии нур ва соя ба шакли сода ва фаҳмо баён карда шуда, қисми ноаёни мавод бо мақсади дуруст тасвир кардан ва дар фазо кардани он кашида мешавад. Дар рафт кашидан натюрморт аз асл талабагон бояд ба сатҳи миз, ки мавод дар он хо хойгир шудааст, таваҷҷуҳ кунанд. Сипас, тасвири пешакии хатҳо бо истифодаи якчанд усулҳои мухталиф бо қалами одӣ, ранги акварел, мӯқалам, туш, кашида мешавад.

**ТАСВИР АЗ РӮЙИ МАВЗӮЪ**

Дар мавриди кашидани расм аз рӯйи мавзӯъ талабагон бояд дар бораи мавзӯи додашуда тасаввуроти хуби эҷодӣ дошта бошанд. Барои кашидани расм аз рӯйи мавзӯъ онҳоро ба тамошои табиат, осорхонаи санъат, намоишгоҳи асарҳои ассомон, ҷойҳои таърихӣ бурдан лозим аст.

Тасвири пешакӣ аз рӯйи мавзӯъ анҷом додани корҳои тасвирӣ (шаклҳои гуногуни табиат, ҳайвонот, парандаҳо, моделҳои гуногуни техникӣ, аз гил сохтани бозичаҳо).

**ОРОИШӢ**

Дар корҳои ороишӣ такмил додани маҳорати эҷодӣ кашидани нақшу нигор бо тарзҳои гуногун ба назар гирифта шудааст. Корҳои ороишӣ бояд пурмазмуну гуногунранг буда, хосияти эҷодкорӣ дошта бошанд. Ба талабагон барои эҷод кардани ангораи ороишӣ бештар супориши мустақилона додан лозим аст.

**ГИЛКОРӢ ВА ДИЗАЙН**

Ҳунари гилкорӣ қобилияти эҷодкории талабагонро сайкал медиҳад. Аз рӯйи намунаҳои санъати халқ бачаҳо аз гил парандаҳо, ҳайвонот, шаклҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ ва одамчаҳоро месозанд. Дарсҳои гилкорӣ ба дарсҳои расмкашии ороишӣ аз рӯйи асл ва мувофиқи мавзӯи, таърихи хеле алоқамандӣ доранд.

**АСОСҲОИ САНЪАТШИНОСӢ**

Омӯзиши асарҳои санъатшиносӣ аз он иборат аст, ки ба талабагон дарк карадани осори бадеӣ ва фаҳмондани аҳамияти санъатро дар ҳаёти шахс ёд диҳад. Шинос кардани бачаҳо ба санъати тасвирӣ дар мактаб вазифаҳои зеринро дар бар мегирад.

Ҳангоми гузаронидани машғулияти санъати тасвирӣ бояд асбобҳои таълимӣ, дастгоҳҳои проексионӣ мавҷуд бошанд. Асарҳои рассомонро муалллим шахсан нишон медиҳад. Барои хушсифат гузаронидани дарс дар синфҳои махсусан санъати тасвирӣ намоишҳои асарҳои рассомонро ташкил кардан лозим аст.

**Нақшаи намунавии тақвимӣ - мавзӯии фанни санъати тасвирӣ барои синфи VII (дар I-ҳафта 1 соат, ҳамагӣ 34 соат)**

| | Фасл ва номи мавзӯъҳо | Миқдори соат | Натиҷаи таълим-салоҳиятҳо | Шакли машғулият | Замони баргузории дарс | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Д.1 | Санъати халқҳои ҷаҳон | 1 | **Хонанда бояд** Ба тарзи суҳбат бо дастовардҳои бузурги ҳунармандони санъати тасвирӣ тамоми нозукиҳои ороиш дар биноҳои меъмории шарҳои ҷаҳон шинос шуда тавонад. | Назарӣ | | |
| Д2 | Кашидани шаклҳои геометрӣ | 1 | **Хонанда бояд:** Ҳар як тасвирро | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | бодиққат ва тарзи ҷойгиршавии онҳо дар рӯйи қоғаз мароқовар ва эҷодкорона иҷро карда тавонад. | | | |
| Д3 | Тасвири манзараи деҳа | 1 | **Хонанда бояд:** Дар мавриди кашидани расм бо фарқияти маводи дуру наздик, ки аз ҷиҳати перспективӣ вобастагӣ дорад, иҷро карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.4 | Композитсия дар мавзӯи ҷамъоварии ҳосил | 1 | **Хонанда бояд:** Мавзӯъро бодиққат мушоҳида намуда, сипас аз тасаввурот ва хотираи худ тарзи ҷамъоварии меваву сабзавотро моҳирона иҷро карта тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.5 | Натюрморт аз сабзавот | 1 | **Хонанда бояд:** Композитсяро тарзе ба қалам диҳад, ки муносибати ҳамоҳангӣ аз ҷиҳати нафосату зебоии тобиши рангҳоро дар | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | тасвир иҷро карда тавонад. | | | |
| **Д.6** | Тасвири рангҳои заррин | **1** | **Хонанда бояд:** Дар мавриди кашидани расм истеъдоди хуби офарандагӣ зарур аст, ки тасвири асар қобили таваҷҷуҳ бошад, иҷро карда тавонад. | Амалӣ | | |
| **Д.7** | Натюрморти дастархони пурнеъмат | **1** | **Хонанда бояд:** Натюмортро тарзе тасвир намояд ва тобиши рангҳоро, ки дар натиҷаи таъсири фазоии рангҳо хеле тағйир меёбанд, иҷро карда тавонад. | Амалӣ | | |
| **Д.8** | Корҳои оройишӣ, навиштани шрифт | **1** | **Хонанда бояд:** Ҳар як ороиши шрифт, ки хусусиятҳои фарқшаванда дорад, аз ин рӯ, дар навиштани шрифт композитсияи гуногунро эҷодкорона иҷро карда | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | тавонад. | | | |
| Д.9 | Тасвири парвози парандагон | 1 | **Хонанда бояд:** Рангҳоро дар манзара тарзе гузорад, ки мавқеи дуру-наздик, пасту баландро, ки дар натиҷаи таъсири фазоӣ ба амал меояд, тасвир карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.10 | Суҳбат оид ба санъати тасвир и и Шарқ | 1 | **Хонанда бояд:** Бо тарзи суҳбат бо анъанаҳо ва хусусиятҳои хоси санъати Шарқ шинос шуда тавонад. | Назарӣ | | |
| Д.11 | Санъати давраи Эҳё (Ренессенс) | 1 | **Хонанда бояд:** Ба таърихи маданияти оламиён асосгузорони замони, Эҳё, ки санъати гуманизмро ба вуҷуд овარданд, шинос шуда тавонад. | Назарӣ | | |
| Д.12 | Оройиши нақшу нигор | 1 | **Хонанда бояд:** Чунин тарзи омӯзишро дар ташаккул ва ривоҷи ҳисисёти эҷодкорона иҷро карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.13 | Олами ҳайвонот | 1 | **Хонанда бояд:** Ҳангоми бо | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ранг кор кардан тобиш ва ҳамоҳангии рангҳоро тарзе тасвир созад, ки пурнур ва дурахшон гарданд. | | | |
| Д.14 | Ороиши стендҳо ва намоиши асарҳои бадеӣ | 1 | **Хонанда бояд:** Тасвири ороишро аз ҳар ҷиҳат инкошоф диҳад, ки завқи эҷодиашро равшан таҷассум карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.15 | Ороиши графики | 1 | **Хонанда бояд:** Тасвири композитсионии плакатро бо равшанию дурахшонии рангҳои пасту баланд оро дода, онро дурахшон ва моҳирона тасвир карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.16 | Ороиши тарроҳ дар муҷассамасозӣ | 1 | **Хонанда бояд:** Ҳар як муҷҷасамаро бо ороиши тарроҳӣ, ки композитсияро пурнур менамояд тарзе созад, ки ҷиҳати ороиши онро пурра таҷассум намояд ва | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | пурмазмун ичро карда тавонад. | | | |
| Д.17 | Ороиши солинавӣ | 1 | **Хонанда бояд:** Шояд дар тасвири оройиши манзараи табиат. Бобои Барфӣ, Барфак бо тухфаҳои солинавиашон омадаанд, талабагон, ки машғули рақсу сурудхонияд, онҳоро акс карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.18 | Суҳбат оид ба санъати халқи тоҷик | 1 | **Хоананда бояд:** Омӯзгор, ки аз таърих ва инкишофи намудҳо ва жанрҳои санъати тасвирӣ суҳбат мегузаронад, бо асарҳои рассамони тоҷик ханандагонро шинос карда тавонад. | Назарӣ | | |
| Д.19 | Манзараи зимистон | 1 | **Хонанда бояд:** Тасвирро тарзе ба қалам диҳад, ки композитсияро аз ҳар ҷиҳат мароқовару дурахшон тасвир карда тавонад. | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Д.20 | Корҳои оройишӣ | 1 | **Хонанда бояд:** Дар ороиши композитсия метавонад манзараи ҳаётро, ки бо дасти одамон обод гаштааст, пурра таҷассум карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.21 | Санъати Рус | 1 | **Хонанда бояд:** Бо суҳбати омӯзгор дидани асарҳои рассомон хонандагон бояд ба санъати бойю рангини халқи Рус аз наздик шинос шуда тавонанд. | Назарӣ | | |
| Д.22 | Оройиши Рӯзномаи деворӣ | 1 | **Хонанда бояд:** Оройиши рӯзномаҳои деворӣ, ки хусусияти декоративӣ доранд, зебоии онро бо навиштани шрифт вобаста иҷро карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.23 | Ба рӯзи артиш | 1 | **Хонанда бояд:** Барои ҷолиб эҷод намудани расм қобилияти фикриро аз ҳар ҷиҳат ба кор барад, то ки композитсияро мароқовар ва | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | пурмазмун тасвир карда тавонад. | | | |
| Д.24 | Ангораи тасвири чеҳраи одам | 1 | **Хонанда бояд:** Тасвири чеҳраи одам, ки хусусияти аҷибу душвори худро дорад, барои ҳамин кӯшиш намояд, ки тасвирро зебову рангин таҷассум карда тавонад. | Назарӣ | | |
| Д.25 | Ангораи ороиши идонаи 8уми март- рӯзи Модар | | **Хонанда бояд:** 8- уми мартро тарзе ба қалам диҳад, ки курраи замин, гулҳои гуногун, парвози кабӯтар дар ҳавои софро таҷассум карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.26 | Эҷодкорӣ дар мавзӯи афсонаҳо | 1 | **Хонанда бояд:** Мавзӯи афсонаҳо, ки аз ҳама ҷиҳат барои инсон шавқоваранд , қаҳрамонони асосиро аз ҷиҳати дерерию ҷасурӣ тарзе тасвир созад, ки бинанда аз маҳорати эҷодкории ӯ дар ҳайрат монад. З ин хотир расмро пурмазмун эҷод | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | карда тавонад. | | | |
| Д.27 | Композитсия дар мавзӯи кайҳон | 1 | **Хонанда бояд:** Композитсия дар асоси мавзӯъро ҳамаҷониба дурахшон, рангин эҷод кунад, барои ин тарзи андоза, шакл, фарқиати онро хубтар тасвир карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.28 | Оройиши интерйер | 1 | **Хонанда бояд:** Барои таъсирбахшу рангин тасвир намудани интерйер тахайюли бадеӣ ва эҷодиро дар тасвир истифода бурда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.29 | Тасвири манзараи баҳор | 1 | **Хонанда бояд:** Тасвирро тавре ба қалам диҳад, ки манзара ва нишебиҳои теппаҳои сабзазорро дуруст тасвир карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.30 | Натюрморт | 1 | **Хонанда бояд:** Азбаски натюрморт аз маводҳои гуногун иборат аст, кӯшиш намояд, ки | Амалӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | тасвирро эҷодкорона ва бо таровати хоси ҳунармандӣ таҷассум карда тавонад. | | | |
| Д.31 | Тасвири манзара | 1 | **Хонанда бояд:** Дар мавриди тасвири манзара бо зебоии фазову ҳаво, атроф, ки хусусияти фарқшаванда доранд, эход карда тавонад. | Амалӣ | | |
| Д.32 | Суҳбат дар мавзӯи санъати наққошии гулдӯзӣ ва гулбофӣ | 1 | **Хонанда бояд:** Чунин нақшу нигори оройиширо эҷодкорона аз худ намояд, бо ҳунарҳои устодони маҳаллияшон шинос шавад, дар рафти дарс муаллим бо ҳунари санъати наққошӣ хонандагонро шинос карда тавонад. | Назарӣ | | |
| Д.33 | Натюрморт. Тасвири гулҳои рангин | 1 | **Хонанда бояд:** Азбаски натюрморт аз гулҳои гуногунранг иборат аст, дар ҳолати бо ранг кор кардан ба тобиши аслии | Назарӣ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | рангҳо бештар эътибор дода, онро хуб иҷро карда тавонад. | | | |
| Д.34 | Оройиши интерйер | 1 | **Хонанда бояд:** Барои пурмазмун тасвир намудани оройиши интерйер, ки дар мавзӯи гуногун иҷро шудааст, онро бо маҳорати воло иҷро карда тавонад. | Амалӣ | | |